*Накҳати Ҷон*

# ҒАЛАБА БАР МАРГ

**Ғалаба бар марг**

Бо қалами Накҳати Ҷон

*Ба дӯстам Саъдулло,*
*ки чанд маротиба бо марг рӯ ба рӯ шуда,*
*ғолиб баромад*

**Ахтарони ҷаҳон ҳама мурданд,**
**Маргро сар ҳама фурӯ карданд.**
**Зери хок андарун шуданд онон,**
**К-ин ҳама кӯшкҳо бароварданд.**
**Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз**
**На ба охир ба ҷуз кафан бурданд.**

*Рӯдакӣ*

## Ғалаба бар марг чист?

**“Онҳо ба иттифоқ гуфтанд, ки рӯз ба рӯз беморӣ ва маргӣ иштидод меёбад”.**
*Таърихи Фаришта*

Оё бар марг ғалаба кардан мешавад? Мумкин аст ин аҷоиб тобад, вале имконпазир аст. Биёед бинем, ки ғалаба бар маргро чӣ тавр ба даст овардан мешавад. Ба назари шумо ғалаба бар марг чист? Оё ин аст, ки мо ҳеҷ вақт вафот намекунем? Ҳамаи мо вафот хоҳем кард, вале ин пурра маънии маргро надорад.

Одатан мо ҳар рӯз бо марг дучор мешавем. Касе аз наздикон ё шиносони мо аз дунё мегузарад ва мо дар марсими дафни ӯ иштирок мекунем.

Мо худ савол медиҳем, ки вақти баданро тарк карда баромадани ҷон он ба куҷо меравад? Баъзеҳо мегӯянд, ки баъди марг куҷо рафтани ҷонро ҳеҷ кас намедонад. Чунин одамон дониши дунявӣ дошта, аз ваъдаи Худо бехабаранд.

## Пас аз марг ҷон ба куҷо меравад?

**Ҷон бе Ту супурданам муборак бодо!**
**Заҳмат зи Ту бурданам муборак бодо!**
**Гар рӯи муборакат надидам боре,**
**Дар кӯи Ту мурданам муборак бодо!**
*Хусрави Деҳлавӣ*

Ақидае ҳаст, ки пас аз ма рг ҷони шахси аз олам гузашта бо ин дунё алоқа дорад. Одамон ба мавҷудияти арвоҳ эътиқоди комил доранд. Онҳо ба номи арвоҳи гузаштагон дуоҳо мебахшанд. Аз рӯи одат ба номи марҳум бо роҳбарии “намояндаи дин”-и маҳалла, ноҳия, ва ғайра ба мисли

панҷшанбегӣ, худоиҳо, сангчагардонӣ ва дигар корҳоро анҷом медиҳанд. Ва ҳамаи ин корҳоро ба хотири он мекунанд, ки роҳи шахси аз олам гузашта ба Ҷаннат кушода шавад.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё мо бо ҳамаи ин корҳо ҷони шахси аз олам гузаштаро наҷот дода метавонем? Агар шумо инро тасдиқ кунед, пас наҷоти шахси мурда ба шумо ва ба кори шумо вобаста аст. Ва дар оянда шуморо низ каси дигар бояд бо ин кор наҷот диҳад. Вале бояд фаромӯш накард, ки дар рӯзи қиёмат ҳар кас барои амали худ худаш назди Худованд ҳисобот медиҳад - ва ин маҳаки масъала аст.

Пас ҷони одами аз ин олам гузашта куҷо меравад?

## Ба тарси мамот гирифтор ҳастем

**Матарс аз марг агар ҷонро ниёз аст,**
**Ки баъд аз мурданат умре дароз аст.**
**Хирадманд он бувад, к-аз кордонӣ.**
**Ғами мурдан хӯрад дар зиндагонӣ.**
*Хусрави Деҳлавӣ*

Дар дилҳои мо доим барои тарс ҷой ҳаст. Оё шуморо дар хобатон сиёҳӣ зер накардааст? Дар чунин ҳолат шумо аз хоб бедор шуда, дилатон аз тарс сахт мезанад. Ё худ шабона дар ҳавлиатон шумо садоеро шунида ва бо ин тарсро ба вуҷудатон ворид намесозед?

Рӯзе марг фаро мерасад, вале шумо оё ба он тайёр ҳастед? Мо ҳеҷ вакт намедонем, ки марги мо аз пирӣ, ё аз касалӣ, ё аз ҳодисаҳои тасодуфӣ ба миён меояд. Чӣ тавре ки мо медонем, баъзе одамон дар натиҷаи ҷанг, баъзеи дигар дар натиҷаи касалиҳои гуногун аз дунё мегузаранд. Бинобар ин мо гуфта метавонем, ки марг доимо дар паҳлӯи мо қадам мезанад ва ҳамеша тайёр аст, ки аз гиребони мо гирад.

Баъзе касон фикр мекунанд, ки тӯмор, радномa, бахтнома ва дигар чизҳое, ки мулло ба онҳо медиҳад ё қасидае, ки вай мехонад, онҳоро аз тарсу ваҳм халос мекунанд. Аммо ҳамаи ин чизҳо одамро ба муддати муайян аз ин фикрҳои воҳимонок озод мекунанд. Мо пай мебарем, ки ҳамаи ин кифоя

намекунад.  Ба мо чизи дигаре лозим аст, ки ин тарсу воҳимаро абадӣ аз дили мо дур созад. Бинобар ин мо ба тарси марг дучор мешавем. Вақти хоб ё дар вақти холӣ баъзе вақт моро тарси марг фаро мегирад. Чаро мо аз марг метарсем? Барои он ки марг омада моро бо худ мебарад ва баъди ин чӣ мешавад, мо намедонем.

## Марг ногузир аст

**Яке зуд созад, яке дертар,**
**Саранҷом бар марг бошад гузар.**
**Ҳама маргроем пиру ҷавон,**
**Ба гетӣ намонад касе ҷовидон.**
*Фирдавсӣ*

**Ҳар сарвқаде,  ки қад барафрохт,**
**Охир ба мағоки хок ҷо сохт.**
**Ҳар моҳрухе, ки рух барафрӯхт,**
**Охир ба шарораи фано сӯхт.**
*Айнӣ.*

Марг насиби мо аст. Ҳеҷ кас аз он гурехта наметавонад, зеро моҳияти мо чунин аст.

Каломи Худо мегӯяд: “Чунон ки одамонро насиб гардидааст, ки як бор бимиранд ва пас аз он ба доварӣ дучор шаванд.”  Рӯзи вафотамон низ муайян аст.  Пас аз марг дубора ба ин дунё баргаштан имконнопазир аст.  Одамон пас аз марг ба рӯзи доварӣ мерасанд, ки он рӯзи ҳисобот мебошад.

“Пас, чунон ки ба воситаи як одам гуноҳ ба ҷаҳон дохил шуд ва бо гуноҳ мамот омад, ончунон низ ба ҳамаи одамон гузашт, чунки ҳама гуноҳ карданд“  (Румиён 5:12).

Марг аз он вақте ки Бобои Одам дар боғи Худо хато кард, то ҳол дар паҳлӯи одамон вуҷуд дорад.  Ва аз он рӯз то ҳанӯз одамизод фаношаванда аст.

## Ҷовидии Ҷон

**Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи зуҳал**
**Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.**
**Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял**
**Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.**
А. Сино

"Барои ҳар чиз замоне ҳаст ва барои ҳар кор дар тахти осмон вақте ҳаст: Вақте барои таваллуд шудан ва вақте барои мурдан; вақте барои дарахт шинондан ва вақте барои решакан кардани он чӣ шинонда шудааст. Вақте барои куштан ва вақте барои шифо додан; вақте барои хароб кардан ва вақте барои бино кардан. Вақте барои гиристан ва вақте барои хандидан; вақте барои мотам гирифтан ва вақте барои рақсидан" (Воиз 3:1-4).

"Пас, чӣ суд аст барои коркун аз меҳнате ки мекунад? Бореро, ки Худо насиби банӣ-Одам кардааст, то ки онро бардоранд, дидам. Ҳама чизро Ӯ дар вақташ ба хубӣ ба вуҷуд овардааст; ҳамчунин фикри абадиятро дар дили одамизод ҷо додааст, ба тавре ки онҳо кореро, ки Худо кардааст, аз ибтидо ва то интиҳо наметавонанд дарёбанд" (Воиз 3:9-11).

Барои мурдан замоне ҳаст ва ҳамаи мо медонем, ки вақти мо меояд. Аммо кай? Инро мо намедонем, инчунин намедонем, ки он рӯз наздик аст ё дур.

Тоҷикон фикри абадият доранд. Чунин як ақидае ҳаст, ки арвоҳи гузаштагон дар хонаи хеш сайругашт мекунанд. Ба ин хотир пеш аз даромадан ба дари хона барои эҳтиром ба онҳо салом мегӯянд.

Худо дар дили одамизод фикри абадиятро ҷо додааст. Ва бесабаб нест, ки ҳама одамон пеш аз марг худоҷӯй мешаванд. Ҳама дар дил расидан ба абадиятро орзу доранд.

## Қисмат ва бахт

**Агар ман зарраам, умедворам,**
**Ки дар  парда чу ту хуршед дорам.**
**Сабукборам кун, эй пушту паноҳам,**
**Ки аз сад раҳ гаронбори гуноҳам.**
*Аттор*

Оё ғалаба бар марг ба қисмат ва ё бахт вобаста аст? Баъзан мегӯянд, ки пас аз марг аз пули сирот гузаштан ногузир аст. Ин пул ва ё кӯпрук мисли шамшер тез ва мисли мӯй борик аст ва ҳар кас кӯшиш мекунад, ки аз он гузарад.

Ривояте ҳаст, ки марде гуноҳҳои бисёр дошт, вале кори неку бузурге анҷом дод. Ӯ тавонист аз пули сирот гузарад.  Бар хилофи он мард, шахси рӯҳонию тақводоре, ки гуноҳи азиме содир кард, аз он пул гузашта натавонист. Аз ин ақидаҳои мавҷуда хулоса баровардан мумкин аст, ки ба фикри ин одамон, ба Ҷаннат дохил шудан монанди қимор ба қисмат ва бахт вобаста мебошад.  Вале ин ғалати маҳз аст; Худо ҳеҷ вақт барои ҳалли кисмати ин ё он одам буҷулро ҳаво намедиҳад. Вай роҳи наҷотро аз марг аз ибтидо таъин кардааст; Ин роҳ роҳи ягона ва аниқ аст.

## Марг нобуд хоҳад шуд

**“Халқи ҷаҳон яксара ниҳоли Худоянд,**
**Ҳеҷ на баркан ту з-ин ниҳолу на бишкан”.**
*Носири Хусрав*

“Ва осмони нав ва замини навро дидам; зеро ки осмони пештара ва замини пештара гузашт ва баҳр дигар набуд.  Ва ман, Юҳанно, шаҳри муқаддас— Ерусалими навро дидам, ки аз ҷониби Худо аз осмон нузул мекард ва муҳайё шуда мисли арӯсе буд, ки барои шавҳараш зинат ёфтааст.  Ва овози баланде аз осмон шунидам, ки мегӯяд: ”Инак, хаймаи Худо бо одамон ва Ӯ бо онҳо Худои онҳо хоҳад буд;  Ва Худо ҳар ашкро аз

чашмони онҳо пок хоҳад кард ва **марг дигар нахоҳад буд**; ва гиря ва дард дигар нахоҳад буд; зеро он чи пештар буд, гузашт." Ва Нишинандаи тахт гуфт: "Инак, ҳама чизро нав месозам." Ва ба ман гуфт: "Ба амал омад! Ман Алфа ва Омега, ибтидо ва интиҳо ҳастам; ба ташна аз чашмаи оби ҳаёт муфт хоҳам дод; касе ки ғолиб ояд, вориси ҳама чиз хоҳад шуд" (Ваҳй 21:1-7).

Ин пешгӯиҳо пас аз рӯзи қиёмат насиби имондорон хоҳад гашт. Китоби Муқаддас мефармояд: "Марг дигар нахоҳад буд". Чаро марг нобуд мегардад? Чунки ду ҳодиса рух хоҳад дод; Якум, имондороне, ки гуноҳҳояшон бахшида шудааст, ба ҷониби Худо мераванд. Дар ҳузури Худои Ҳай дигар барои гуноҳ ҷой нест. Ва ин пирӯзии мо дар рӯзи қиёмат аст. Дуюм, мо аз чашмаи оби ҳаёт менӯшем ва сазовори ҳаёти абадӣ хоҳем гашт. Дигар он ҷо моро марг таҳдид нахоҳад кард!

## Оби ҳаёт - афсона ё ҳақиқат ?

**"Шоҳон ба гирди арсаи олам баромаданд,**
**Лекин Чу Хизр оби бақое наёфт кас".**
*Сайфи Исфарангӣ*

Афсонаҳои тоҷикӣ дар бораи оби ҳаёт бениҳоят бисёранд. Ин бесабаб нест; одамизод зотан доимо дар орзуи ҳаёти абадӣ аст. Ва оиди доимо сарсабз будани арча ба афсонаи "Зоғ оби ҳаётро дар натиҷаи беақлияш ба ҷои сари одам ба сари арча рехта бошад" бовар мекунанд.

Ва афсонаҳои дигар дар бораи сарсонию саргардонии Искандари Зулқарнайн ё худ Рустами Достон дар ҷустуҷӯи чашмаи оби ҳаёт. Вале ин ҳама афсона аст; орзую хаёлҳои ширин дар бораи ҳаёти абадӣ.

Аммо барои ёфтани Чашмаи оби ҳаёти ҳақиқӣ роҳе ҳаст ва ба ин роҳ моро танҳо Китоби Муқаддас ҳидоят мекунад.

Дар Китоби Муқаддас дар бораи оби ҳаёт чунин навишта шудааст: Ҳазрати Исо боз мегӯяд: "Ва дар рӯзи охир, ки рӯзи бузурги ид буд, Исо истода нидо кард ва гуфт: Ҳар кӣ ташна бошад, назди ман биёяд ва бинӯшад; ҳар ки ба Ман имон

оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст: аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд.”

Ин суханро Ӯ дар бораи Рӯҳ гуфт, ки ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, онро хоҳад ёфт (Юҳанно 7:37-39).

Касе ки аз Чашмаи Исои Масеҳ менӯшад, ҳаёти ҷовидонӣ меёбад. Ин оби рӯҳонӣ аст. Касе ки ба ҳазрати Исо имон оварад, сазовори ҳаёти абадӣ мешавад.

# Чаро марг вуҷуд дорад?

“**Бод паймудам ҳаме умри тамом,**
**Оқибат дар хок рафтам, вассалом**”.
*Аттор*

Чунки мавҷудияти гуноҳ ногузир аст. Агар мо мамотро нахоҳем, пас бегуноҳ зистани мо лозим аст. Агар бегуноҳ ҳастем, пас барои мамот дар паҳлӯи мо ҷой нест; вале, мутаассифона, гуноҳ кардан дар табиати мо, дар хуни мо аст ва ин мероси Бобои Одам аст.

Агар Бобои Одам хато намекард, пас вай намемурд. Китоби Муқаддас мефармояд: “Пас, чунон ки ба воситаи як одам гуноҳ ба ҷаҳон дохил шуд ва бо гуноҳ мамот омад, ончунон низ ба ҳамаи одамон гузашт, чунки ҳама гуноҳ карданд” (Румиён 5:12).

Масалан Худо қуддус ё муқаддас аст: Ӯ ҳеҷ вақт гуноҳ намекунад. Ӯ Худои Ҳай аст ва то абад зиндагӣ хоҳад кард. Агар Худо гуноҳ дорад, пас Ӯ мемурад. Худо бегуноҳ аст ва мамотро намебинад. Ва фақат барои гуноҳ мо бо ҳукми Ӯ ба мамот дучор мешавем.

# Гуноҳ чӣ аст?

**“Бизоат наёвардам илло умед,**
**Худоё, зи авфам макун ноумед”.**
Саъдӣ

Шайх Саъдӣ дар ин гуфтаҳояш фақат ба умеди авфи гуноҳ ба Ӯ мурочиат кардааст.

Гуноҳ чӣ аст? Китоби Муқаддас мефармояд: “Ҳар кӣ гуноҳ мекунад, шариатро мешиканад, ва гуноҳ шикастани шариат аст” (1 Юҳанно 3:4). Шариат бисёр қонунҳо дорад. Ва ҳазрати Мусо аз Худо дар Таврот 613 қонун мефармояд. Масалан яке аз онҳо ин аст: “тамаъ накун” (Хуруч 20:18). Кӣ ин қонунро нашикастааст? Тамаъ - ин хама чизи хубест, ки ба чашми мо меафтад ва ба мо тааллуқ надорад, вале мо онро соҳиб шудан мехоҳем.

Чашмони мо ҳарис аст. Мошин мегузарад, мо ба он чашм медӯзем. Ва диламон мехоҳад, ки ин мошин аз они мо бошад. Ё либоси зебо дар тани каси дигар. Ва ба хонаи бодабдаба, зани зебо, чавоҳирот, зару зевар, ки мансуби дигар кас аст, ҳарисона нигоҳ кардан ин тамаъ аст.

Худо мегӯяд: “тамаъ накун”. Бисёриҳо мегӯянд: тамаъ ин амали безарар аст, вале ин амал нест - ин андеша аст ва он ибтидои ҳама амалҳои фосиқ аст.

Бисёр касон худро фиреб мекунанд ва мегӯянд, ки тамаъ гуноҳ нест, вале ин танҳо худро фиреб додан аст. Тамаъ гуноҳ аст - гуноҳи азим. Каломи Худо мефармояд: “Агар гӯем, ки мо гуноҳ надорем - худамонро фиреб медиҳем ва дар мо ростӣ нест” (1 Юҳанно 1:8).

Азбаски мо ҳама гуноҳ дорем, пас ҳама мирандаем.

## Сазои гуноҳ марг аст

**“Эй хуфта миёни хоку хора,**
**Ҷустӣ зи Канори ман канора”.**
*Шоҳин*

Агар марг тавассути гуноҳ вуҷуд дорад ва ҷазо барои гуноҳ мамот аст, пас барои мо ғалаба бар гуноҳ даркор аст.

Каломи Худо мегӯяд, “Зеро ки музди гуноҳ марг аст...” (ё сазои гуноҳ марг аст). Пардохти гуноҳ барои мо марг аст. Мо гуноҳ кунем, чунин падош мегирем. Ин қонуни гуноҳ аст. Ҳеҷ кас аз ин қонун эмин нест.

## Аз гуноҳ чӣ тавр бояд наҷот ёбем?

Мо медонем, ки мукофоти гуноҳ марг аст. Роҳи наҷот аз марг танҳо халосӣ аз гуноҳ аст. Марги мо ба гуноҳи мо вобаста аст. Агар мо аз болои марг ғалаба карданӣ бошем, барои ин ғалаба аз болои гуноҳ лозим аст.

Бо гуноҳ дар ҳузури Худо пайдо шудани мо боиси шармсории мо хоҳад гашт. То аз ин шармсорӣ эмин бошем, бояд аз гуноҳ озод бошем. Он вақт мо назди Худо рӯзи доварӣ бетарс ворид хоҳем гашт. Азбаски Худо муқаддас аст ва дар ҳузури вай бо гуноҳ пайдо шудан боиси шармсорист, мо бояд то рӯзи доварӣ аз гуноҳ пок бошем.

## Амали нек - роҳи наҷот аз гуноҳ нест

Мегӯянд, ки гуноҳҳоро бо кори савоб, рафтори нек рӯйпӯш кардан мумкин аст. Ақидае ҳаст, ки рӯзи доварӣ Худо бо тарозуи амал кори неку бади моро бармекашад. Вале ин ақида дар китобҳои муқаддаси Яҳудиён ва Масеҳиён - “Таврот”, “Забур” ва “Инҷил” дида намешавад. Ин ақида баҳсталаб ҳам ҳаст. Агар гуноҳ ва кори неки як одам дар тарозуи амал баробар бошад, пас мукофоти ӯ чист? Ҳеҷ ягон гуноҳро бо кори савоб пӯшонида намешавад. Мо инро дар мисоли Бобои Одам ва Момо Ҳаво мебинем Китоби Муқаддас

мефармояд, “Ва ҳар ду, Одам ва занаш, бараҳна буданд ва хиҷил намешуданд. Ва мор аз ҳамаи ҳайвонҳои саҳро, ки Худованд Худо ба вуҷуд овада буд, айёртар буд. Ва ба зан гуфт: “Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахӯред?”

Зан ба мор гуфт: “Аз меваи дарахтони боғ хӯрда метавонем, Лекин аз меваи дарахте ки дар васати боғ аст, Худо гуфт, ки нахӯред ва онро ламс накунед, мабодо бимиред.”

Мор ба зан гуфт: “Не, нахоҳед мурд; балки Худо медонад, ки дар рӯзе ки аз он бихӯред, чашмони шумо воз хоҳад шуд, ва шумо монанди Худо орифи неку бад хоҳед шуд.

Ва зан дид, ки он дарахт барои хӯрок хуб аст ва назаррабост ва дарахти дилпазири донишафзост; ва аз меваи он гирифта хӯрд; ва ба шавҳари худ низ дод, ва ӯ хӯрд. Ва чашмони ҳар дуи онҳо воз шуд, ва донистанд, ки бараҳнаанд, ва **баргҳои анҷирро ба ҳам дӯхта, лӯнгиҳо барои худ сохтанд.**

Ва овози Худованд Худоро шуниданд, ки дар вақти салқинии рӯз дар боғ мегашт; ва Одам ва занаш аз пеши назари Худованд Худо дар миёни дарахтони боғ пинҳон шуданд.

Ва Худованд Худо ба Одам хитоб карда гуфт: “Куҷоӣ ту?”

Гуфт: ”Чун овозатро дар боғ шунидам, ҳаросон шудам, зеро ки ман бараҳнаам, ва пинҳон шудам.”

Ва Гуфт: “Кӣ ба ту гуфт, ки ту бараҳнаӣ? Оё аз он дарахте, ки хӯрданашро ба ту манъ кардам, хӯрдаӣ?”

“Ва Худованд Худо онҳоро аз боғи Адан берун кард” (Ҳастӣ 2:25-3:11, 23).

Оё Худо нисбат ба ягон гуноҳ чашм мепӯшад? Барои чӣ Худо онҳоро пеш кард? Худо барои як гуноҳ пеш кард. Чунки музди гуноҳ марг аст - Ин тақозои Худо аст. Барои он ки Худо Муқаддас аст ва бояд ҳамаи гуноҳҳоро ҳисоб кунад.

Агар амали Бобои Одамро бо тарозуи амал бармекашид, оё ӯро аз биҳишт пеш мекард? Бале, чунки ин масъалаи амал нест, ин масъалаи бахшиши гуноҳ аст. Як гуноҳ вазнин аст ва ин кофист. Худо ӯро барои як гуноҳ аз биҳишт пеш кард.

Бобо ва Момои мо қонуни Худоро дар бораи начиндани меваи дарахт вайрон карданд ва хостанд бадани пургуноҳи

худро бо барги анҷир пӯшонанд, вале Худо бо ин роҳ пӯшонидани гуноҳро қабул накард. Вай чорвоеро кушт, қурбонӣ кард ва пӯсти онро барои пӯшидани бадани пургуноҳашон бо онҳо дод.

Ҳастӣ 3:21 мефармояд, "Ва Худованд Худо барои Одам ва зани ӯ либос аз пӯст сохт ва онҳоро пӯшонид."

Ин аввалин мисол дар бораи бартарияти қурбонӣ аз гуноҳ аст. Ин қурбонӣ аз Ҷониби Худо содир гаштааст.

Гуфтаҳои боло боз як бори дигар исбот месозанд, ки гуноҳҳоро бо кори нек шустан номумкин аст. Агар мумкин бошад, пас одамизод барои пӯшондани гуноҳҳояш қодир аст. Ин мисли обу равған аст — пӯшондани гуноҳҳоро танҳо Худо қодир аст.

Агар наҷот ба воситаи амали нек бошад, пас мо метавонем дар ҳузури Худо фахр кунем, ки ин ҳавобаландӣ дар ҳузури холиқ аст, ва ин ҳеҷ лоиқи қабул нест.

Китоби Муқаддас мефармояд: "Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед ва ин на аз шумост, балки атои Худост ва аз амал нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад" (Эфсӯсиён 2:8-9).

Ҳар як шахси гуноҳкор дар назди Худо барои гуноҳҳояш албатта масъул аст. Ягон гуноҳи ӯро ягон амали нек пӯшонида наметавонад. Мо бояд таъҷилӣ барои рафъи гуноҳ чора андешем.

## Риояи шариат<br>мoро аз марг наҷот медиҳад ё не?

**"Мабош дар паи озору ҳар чӣ хоҳӣ, кун,**
**ки дар шариати мо ғайр аз ин гуноҳе нест".**
*Ҳофиз*

Аз ин гуфтаҳои Ҳофиз чунин хулоса бардоштан мумкин, ки Худо муҳаббат аст ва озори одам аз тарафи одам бар хилофи хости Ӯ мебошад.

Ақидае ҳаст, ки касе шариатро риоя мекунад, подоши ӯ дар рӯзи доварӣ ҳаёти ҷовидонӣ аст. Вале ин иштибоҳи комил аст.

Риояи шариат оё имон овардан аст? Не! Меваи дарахт оё решаҳои дарахт аст? Не! Риояи шариат мисли меваи дарахт аст ва решаҳои он мисли имон овардан аст. Агар дарахт бе реша аст, пас ин дарахт намесабзад.

Баъд аз имон овардан мо шариатро риоя мекунем. Каломи Худо мефармояд : “Зеро ки мо офаридаи ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем” (Эфсӯсиён 2:10). Пас касе ки имондор аст, бояд кори некро анҷом диҳад. Барои худро сафед кардан не, балки барои меваи имонаш.

Пас вазифаи шариат чӣ аст? Худо шариатро барои одамизод чаро дод ва мақсади асосии шариат чӣ аст?

Китоби Муқаддас мефармояд: “Лекин мо медонем, ки ҳар чӣ ки шариат мегӯяд, ба аҳли шариат рӯ оварда мегӯяд, то ки ҳар даҳоне баста шавад ва **тамоми олам пеши Худо айбдор гардад**, чунки бо аъмоли шариат ҳеҷ одаме пеши ӯ сафед нахоҳад шуд, зеро ки **гуноҳ ба воситаи шариат дониста мешавад**” (Румиён 3:19-20).

Китоби Муқаддас боз мефармояд: “Чунки шариат сабаби ғазаб мешавад, зеро дар ҷое, ки шариат нест, вайронкунии он ҳам нест” (Румиён 4:15).

“Лекин ман гуноҳро маҳз ба воситаи шариат донистаам. Зеро агар шариат намегуфт, ки “тамаъ накун”,ман намедонистам, ки тамаъ чист” (Румиён 7:7).

“Лекин, чун донистем, ки **одамизод на бо аъмоли шариат сафед мешавад**, балки фақат бо имон ба Исои Масеҳ,— мо ҳам ба Исои Масеҳ имон овардем, то ки бо имон ба Масеҳ сафед шавем. **На ин ки бо аъмоли шариат; зеро ки бо аъмоли шариат ҳеҷ ҷисме сафед нахоҳад шуд**” (Ғалатиён 2:16).

Мақсади асосии шариат ин аст, ки мо медонем гуноҳ чӣ аст. Мақсад ин нест, ки сафед шавем, ё гуноҳамон шуста гардад. Агар шариат набошад, пас мо намедонем гуноҳ чӣ аст. Яъне мақсади асосии шариат муайян кардани гуноҳҳо аст.

Пас вазифаи шариат аз гуноҳ халос кардани мо нест. Шариат наҷотдиҳанда низ нест. Шариат танҳо муайянкунандаи гуноҳҳо аст.

## Пас шариат ба инсоният чӣ меоварад?

Шариат наҷот намеоварад! Шариат маҳкумият меоварад! Чунки шариат моро огоҳ мекунад, ки гуноҳ чӣ аст. Ин мақсади Худо аст. Ва шариат барои гуноҳҳои мо моро маҳкумкунанда аст.

Шариат дониши моро дар бораи Худо пурра мегардонад ва мо мефаҳмем, ки танҳо тавассути Худо наҷот хоҳем ёфт, барои наҷот танҳо амали нек бас нест. Ва мо бо пуррагӣ, комилан мӯҳтоҷи Худо ҳастем, бе файзи Ӯ, бе меҳрубонии Ӯ наҷот нахоҳем ёфт. Бинобар ин одамизод барои наҷотдиҳанда мӯҳтоҷ аст.

Мо баҳри наҷот ёфтан ҳеҷ коре карда наметавонем; ба ҷуз такя кардан ба Исои Худованд, ки Худо ин амалро ба Ӯ ҳавола кардааст.

Инак мо медонем, ки ғалаба бар мамот натиҷаи амали нек ё риояи шариат нест, Роҳи ягонаи инсон - ғалаба бар марг - имон овардан ба Исои Масеҳ мебошад.

## Муҳаббати Худо

Худо муҳаббат аст ва барои ҳамин мо муҳаббати Худоро ҳис мекунем ва дар оғӯши муҳаббати Ӯ зиндагӣ мекунем. Барои ин, Худо мехоҳад ҳар кас ғалаба бар маргро қабул кунад. Зеро муҳаббати Худо ба мо маълум аст ва Китоби Муқаддас мефармояд: “Лекин Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд” (Румиён 5:8).

Мақсади Китоб ин нест, ки шумо вақте ки онро мехонед, тарсу ваҳм биоваред. Орзуи ман ин аст, ки шумо муҳаббати Худоро бифаҳмед ва ғалаба бар маргро дар дилатон инкишоф диҳед.

# <u>Ваъдаи Худо</u>

**“Ҳар ҷо сухани ҳаёт гӯянд,**
**Дар қофияаш мамот гӯянд,**
**Мағрур машав аз айши фонӣ,**
**Рӯ ор ба мулки Ҷовидонӣ”.**
*Ҳилолӣ*
**“Чунин кун зиндагонӣ дар замона,**
**Ки аз вай зинда монӣ ҷовидона”.**
*Хусрави Деҳлавӣ*

Дар аввал хондем, ки барои ғалаба бар марг вақти бо мамот дучор шудан ду чизро бояд донем. Аввал ин ки вақти аз бадан баромадани ҷон он куҷо меравад? Касе ки ба Исои Масеҳ имон овардааст ва ваъдаи Худоро эътироф мекунад, ӯ медонад, ки ҷонаш куҷо меравад. Аммо на барои натиҷаи амалаш ва ё фикраш. Не! Баръакс, барои он, ки ваъдаи Худоро медонад ва онро эътироф мекунад.

Ваъдаи Худо аз Китоби Муқаддас ин аст:

“Ва он ваъдае ки ӯ ба мо додааст, ҳаёти ҷовидонист” (1Юҳанно 2:25).

Аксари одамон ба шаҳодати одамӣ бовар ва зиндагӣ мекунанд, лекин чуноне ки дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, шаҳодати Худо бузургтар аст: ”Ва ин шаҳодат аз он иборат аст, ки Худо ба мо ҳаёти ҷовидонӣ ато намудааст, ва ин ҳаёт дар Писари Ӯст. Касе ки Писарро дорад, ҳаёт дорад. касе ки Писари Худоро надорад, ҳаёт надорад. Ба шумо, ки ба исми Писари Худо имон доред, инро навиштаам, **то донед, ки шумо ба Писари Худо имон дошта, ҳаёти ҷовидонӣ доред**” (1Юҳанно 5: 11-13).

“Ва ҳаёти ҷовидонӣ ин аст, ки туро, ки Худои ягонаи ҳақиқӣ ҳастӣ, ва Исои Масеҳро, ки фиристодӣ, бишносанд” (Инҷили Юҳанно 17:3).

“Пас, ҳеҷ маҳкумияте нест барои онҳое, ки дар Исои Масеҳ ҳастанд ва на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд” (Румиён 8:1).

“Зеро ман мӯътақидам, ки на мамот, на ҳаёт, на фариштагон, на мабдаъҳо, на қувваҳо, на ҳозира, на оянда, на баландӣ, на умқ, на ҳар гуна махлуқи дигар моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо  Исои Масеҳ аст, ҷудо карда наметавонад” (Румиён 8: 38-39).

Ин ваъдаи Худо бузургтарин ва зеботарин ваъда аст! Аммо ваъдаи Худо бо ҳазрати Исои Масеҳ алоқаманд аст! Чаро? Чунки Исои Масеҳ ғолиби марг аст.

## Исои Масеҳ ғалаба бар маргро эълон кард

Исои Масеҳ мефармояд, ки ӯ қудрат дорад ва бар марг ғолиб хоҳад шуд.  Сухани зер аз Исои Масеҳ аст: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям, ҳар кӣ каломи маро бишнавад ва ба Фиристандаи Ман имон оварад, ҳаёти ҷовидонӣ дорад ва ба доварӣ намеояд, балки аз марг ба ҳаёт гузаштааст” (Юҳанно 5:24).

“Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯем, касе ки каломи моро риоя кунад, то абад маргро нахоҳад дид”(Юҳанно 8:51).

“Исо ба вай гуфт: Ман қиёмат ва ҳаёт ҳастам; ҳар кӣ ба Ман имон оварад, агар бимирад ҳам, зинда хоҳад шуд, ва ҳар кӣ зинда бошад ва ба Ман имон оварад, то ба абад нахоҳад мурд. Оё ба ин имон дорӣ?”  (Инҷили Юҳанно 11:25-26).

Сухани Исои Масеҳ падидаи пурқувват аст – ҳеҷ пайғамбари дигар чунин сухани пурмаъно намегӯяд. Вале фақат Исои Худованд ғолиби марг аст.

Исои Худованд мегӯяд, ки ба Ӯ имон оваред, пас то абад нахоҳед мурд! Оё ба ин имон доред?

# Ғалаба бар тарси мамот

Агар Исои Худованд мегӯяд, ки Ӯ метавонад аз мамот озод кунад, пас оё одам метавонад аз тарси мамот эмин бошад? Албатта!

Чун каломи Худо мефармояд, ки: "Ва азбаски фарзандон ба ҷисм ва хун шарокат доранд, Исо низ шарики инҳо гардид, то ки ба воситаи мамот соҳиби қудрати мамотро, яъне иблисро нобуд намояд. **Ва онҳоеро, ки аз тарси мамот тамоми умри худ гирифтори ғуломӣ буданд, халосӣ диҳад**. Зеро ки Ӯ фариштагонро дастгирӣ накардааст, балки насли Иброҳимро дастгирӣ кардааст. Бинобар ин Ӯ мебоист аз ҳар ҷиҳат ба бародарони худ монанд мешуд; то ки Саркоҳини раҳим ва амине ба хузури Худо бошад, барои он ки гуноҳҳои қавмро кафорат кунад" (Ибриён 2:14-17).

Халосӣ аз тарси мамот ва халосӣ аз ҷазои гуноҳҳо бо якдигар алоқаманд ҳастанд. Чун тарси марг меваи гуноҳҳои дунё аст. Ва танҳо Исои Масеҳ ба мо осоиштагиро медиҳад. Ӯ мефармояд: "Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам, осоиштагии худро ба шумо медиҳам; на он чунон ки ҷаҳон медиҳад, Ман ба шумо медиҳам. Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошад." (Инҷили Юҳанно 14:27). Вақте ки шумо ба Исои Масеҳ имон овардед, Ӯ ба шумо осоиштагӣ аз тарси мамот медиҳад.

# Ғалаба бар гуноҳ

**"Мардон ҳама умр пора бардӯхтаанд,**
**Куте ба ҳазор ҳила андӯхтаанд.**
**Фардои қиёмат ба гуноҳ эшонро**
**Шояд ки насӯзад, ки худ сӯхтаанд".**
*Саъдӣ*

Аз ин гуфтаҳои Саъдӣ бармеояд, ки касоне, ки ғалаба бар гунохро дар риояи шариат ва бо хайру эҳсон дар қиёмат таъмин карданианд, иштибоҳ мекунанд.

Исои Худованд на танҳо ғалаба бар маргро эълон кард ва Ӯ моро аз марг озод кард, балки Ӯ барои гуноҳҳои мо кафорат дод. Ӯ гуноҳҳои моро бар дӯши худ гирифт ва худро қурбон сохт.

Китоби Муқаддас мефармояд: "Чунки Масеҳ низ, барои он ки моро сӯи Худо оварад, **як бор барои гуноҳҳои мо уқубат кашид**, яъне одил барои золимон (гуноҳкорон) ба ҳасби ҷисм кушта шуд, аммо ба ҳасби рӯҳ зинда гардид" (1Петрус 3:18).

"Аммо вақте ки файз ва одамдӯстии Наҷотдиҳандаи мо Худо зоҳир шуд, Ӯ моро на бар тибқи аъмоли одилонае, ки мо мекардем, балки ба ҳасби марҳамати Худ наҷот дод, ба василаи ғусли таваллуди дубора ва таҷдиде, ки аз Рӯҳулқудс аст. Онро бар мо ба воситаи Исои Масеҳи Наҷотдиҳандаи мо ба фаровонӣ бирехт, то ки мо бо файзи Ӯ сафед шуда, ба ҳасби умед ворисони ҳаёти ҷовидонӣ гардем" (Титус 3:4-7).

"Бо Худо мусолиҳа намоед, зеро Ӯро (Исои Масеҳро), ки аз гуноҳ бехабар буд, **барои мо қурбони гуноҳ сохт**, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем" (2 Қӯринтиён 5:21).

"Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти Ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ" (Румиён 6: 23).

Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд. Ин ақидаи асосии Китоби Муқаддас аст. Ин дили таълимоти Инҷил аст.

Ин ҳадафи асосии Худо буд, ки Исо барои мо қурбон шуд. Хуни Исои Масеҳ дар салиб барои шустани гуноҳҳои мо рехт.

Дурустии инро на танҳо шогирдони Исо, балки тамоми анбиё тасдиқ мекунанд. Инро мо дар каломи Худо мебинем: "Тамоми анбиё бар Исо шаҳодат медиҳанд, ки ҳар кӣ ба Исо имон оварад, **ба василаи исми Ӯ гуноҳҳояш омурзида хоҳад шуд** " (Аъмол 10:43).

Шаҳодати Яҳё ин аст: "Фардои он, Яҳё Исоро дид, ки ба ҷониби вай меояд ва гуфт: **Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад**" (Инҷили Юҳанно 1:24).

Имрӯз ба назди Исои Худованд биёед! Фақат Ӯ наҷотдиҳандаи дунё аст. Исои Худованд фотеҳ бар гуноҳҳои мо аст. Агар ба ӯ имон оваред, пас Худо дилатонро сафед мекунад.

# Дучоршавии Исо бар марг

Чӣ хеле ки мо медонем, Искандари Зулқарнайн ва Чинngизхон фотеҳи Осиёи Миёна гаштанд. Онҳо ба Осиёи Миёна омаданд ва замини ин ҷоро бо зӯрӣ ба итоат даровარданд. Амали онҳо фақат барои ҷоҳу мол буду халос; аз ин рӯ онҳо ба ғазаби Худованд дучор шуданд. Мақсади Исои Масеҳ бошад, одамиро аз мамот халос кардан буд; ва Ӯ ба хотири маҳв кардани марг салиби Худро бардошда бо мамот дучор шуд ва аз олами мурдагон баъди се рӯз эҳё шуд.

Вақте ки Исо мурд, чӣ ҳодиса шуд? Китоби Муқаддас мефармояд: ”Исо боз бо овози баланде фарёд зада ҷон дод. Ва инак, пардаи маъбад аз боло то поён дарида ду пора шуд; ва замин ҷунбид; ва сангҳо шикофта шуданд; ва қабрҳо кушода шуданд; ва бисёр ҷасадҳои муқаддасон, ки оромида буданд, эҳё шуданд; ва баъд аз эҳёи Ӯ аз қабрҳо баромада ба шаҳри муқаддас рафтанд ва ба бисёр касон зоҳир шуданд. Аммо мирисад ва онҳое ки бо вай Исоро посбонӣ мекарданд, ҷунбиши замин ва рӯйдодҳои дигарро дида, бағоят тарсиданд ва гуфтанд: “Ба ростӣ Ӯ писари Худо буд” (Инҷили Матто 27:50-54).

Вақте ки Исои Масеҳ ба олами мурдагон ворид шуд, тамоми ҳастии дунёро ҷунбиши азиме фаро гирифт.

Мегӯянд, ки Ҳазрати Исо рост ба биҳишт рафт ва намурд. Аммо дар Китоби Муқаддас шаҳодати баръакс бисёр аст, ки Исои Масеҳ мурд ва дафн шуд.

Дар Каломи Худо дар бораи дафнаш низ чунин меояд:
“Пас аз он Юсуф, ки аз аҳли Ҳаромот буда, аз тарси яҳудиён шогирди махфии Исо буд, аз Пилотус хоҳиш кард, ки ҷасади Исоро бардорад, ва Пилотус ба вай иҷозат дод. Вай омада ҷасади Исоро бардошт. Ва Никӯдимус, ки пештар шабона назди Исо омада буд, низ омад ва тақрибан сад ратл мур ва уди омехта бо худ овард. Онҳо ҷасади Исоро гирифтанд ва мувофиқи маросими дафни яҳудиён, ҳанут пошида, ба кафан печонданд. Дар он ҷое ки ӯ маслуб шуд, боғе буд ва дар боғ қабри наве, ки дар он ҳанӯз ҳеҷ кас дафн нашуда буд, Дар он

ҷо Исоро дафн карданд, зеро ки арафаи шанбеи яҳудиён буд ва он қабр наздик буд"  (Инҷили Юҳанно 19:38-42).

Дақиққорона дар бораи дафни Исо бо ҳамаи нозукиҳояш навишта шудааст ва хулоса чунин аст: Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд ва музди гуноҳҳоро бар дили худ қурбон кард. Чаро ин хел аст? То ки моро аз гуноҳ ва аз мамот озод кунад. Ӯ ба мамот дучор шуд ва бояд аз он ҷо баргардад.

## Эҳёи Исо

**"Ҷонат ба сухан пок шавад з-он ки хирадманд**
**Аз роҳи сухан баршавад аз ҷоҳ ба Ҷавзо.**
**Некӯ ба сухан шав, на бад-ин сурат, азерок**
**Воло ба сухан гардад мардум, на ба боло.**
**Зинда ба сухан бояд гаштант, азерок**
**Мурда ба сухан зинда ҳамекард Масеҳо".**
*Носири Хусрав*

Эҳёи Исо собиту устувор месозад, ки вай ғолиби марг аст. Агар Ӯ аз олами мурдагон барнамегашт, пас Ӯ ғолиби марг намешуд. Аммо Ӯ баргашт, яъне зинда гардид. Имрӯз чанд пайғамбар зинда аст? Динҳои гуногун мегӯянд, ки Исо зинда аст, аммо пайғамбари дигаре зинда нагаштааст.

Агар имрӯз ба Ерусалим равед, он ҷо оромгоҳи ҳазрати Исо холӣ аст - ин шаҳодати гуфтаҳои боло аст.

Ҳамчунин каломи Худо шаҳодат медиҳад, ки Ӯ зинда аст: "Зеро ки дар аввал он чиро, ки низ қабул кардаам, ба шумо супурдаам, ки яъне Масеҳ, мувофиқи Навиштаҳо, барои гуноҳҳои мо мурд, ва ӯ дафн карда шуд, ва мувофиқи Навиштаҳо, **дар рӯзи сеюм эҳё шуд**, ва ба Кифо(Петрус) ва баъд ба он дувоздаҳ нафар **зоҳир шуд**, пас аз он ба зиёда аз 500 нафар бародарон дар як вакт **зоҳир шуд**, ки қисми зиёди онҳо то ҳол зиндаанд, вале баъзе вафот кардаанд, пас аз он ба Яъкуб, инчунин ба ҳамаи  ҳавввориён **зоҳир шуд**, ва пас аз ҳама ба ман низ, ки гӯё тифли хоме будам, **зоҳир шуд**." (1Қӯринтиён 15: 3-8).

Эҳёшавии Исоро Худо чун аломати нек кабул кард ва ӯро ба ҳама то абад наҷотдиҳандаи комил эълон намуд.

Боз мегӯяд: “Ба онҳо низ, баъд аз азобу уқубаташ, бо далелҳои бисёр худро зинда нишон дод **ва дар давоми чил рӯз ба онҳо зоҳир шуда,** дар бораи Малакути Худо сухан гуфт” (Аъмол 1:3).

Китоби Муқаддас мефармояд: “Лекин Тумо, ки яке аз он дувоздаҳ буд ва Экизак номида мешуд, вақте ки Исо омад, бо онҳо набуд.

Шогирдони дигар ба вай гуфтанд: Мо Худовандро дидаем. Вай ба онҳо гуфт: “То дар дастҳои ӯ ҷои мехҳоро набинам ва ангушти худро ҷои мехҳо нагузорам ва дасти худро бар қабурғаи ӯ нанихҳам, бовар нахоҳам кард.” Баъд аз ҳашт рӯз боз шогирдони ӯ дар хона буданд, ва Тумо низ бо онҳо буд, ва дарҳо баста. Исо омада дар миёни онҳо биистод ва гуфт: “Салом бар шумо бод! Пас аз он ба Тумо гуфт: “**Ангушти худро ба ин ҷо биёр ва дастҳои Маро бубин ва дасти худро биёр ва бар қабурғаи ман бигзор ва беимон набош, балки имон дошта бош!** Тумо дар ҷавоби ӯ гуфт: “Эй Худованди ман ва Эй Худои ман!” Исо ба вай гуфт: ”Ба хотири он ки маро дидаӣ, имон овардӣ, хушо касоне ки надида имон меоваранд” (Инҷили Юҳанно 20: 24-29).

Исои Худованд на танҳо худаш эҳё гашт, балки боз чандин касони дигарро низ эҳё гардонид. Ӯ писари бевазан, духтари Ёир ва Лаъзорро эҳё гардонид (Луқо 7:11-18; 8: 40-56; Юҳанно 11: 1-46). Ӯ бо пуррагию комилан ғолиби марг аст. Оё исботи дигаре лозим аст? Не!

## <u>Исои Масеҳ калиди мамотро гирифт</u>

Мо медонем, ки Исои Масеҳ на танҳо ба мамот дучор шуд ва аз марг эҳё гашт, балки ӯ соҳиби калидҳои мамот низ шуд. Каломи Худо мефармояд: “Ва Исо гуфт: Натарс; Манам Аввалин ва Охирин ва Зинда, ва Ман мурда будам, ва **калидҳои дӯзах ва мамот дар дасти ман аст**” (Ваҳй 1: 17-18).

Инак мо фаҳмидем, ки касе ғалаба бар мамотро мехоҳад, ӯ бояд дорои калиди мамот бошад. Ин калидҳои дӯзах ва

мамот дар дасти Исои Худованд аст. Агар мо дасти ба даст бо ӯ биравем, ин ғалабаро ноил мегардем.

Дар ин ҷо шубҳае нест, чунки калидҳои дӯзах ва мамот дар дасти каси дигаре нест. Дар ин пирӯзӣ гузаштаи дигар ё малоикаи марг - Азроил кӯмак расонида наметавонад. Чунки калиди мамот ва дӯзах танҳо дар дасти Исои Худованд аст, ки шумо тавассути имон овардан ба Ӯ соҳиби ин калид мегардед ва он гоҳ бар дӯзаху мамот пирӯз мешавед.

## Ақидаҳои гуногун дар бораи имон овардан

Борҳо мо шунидаем, ки бисёр одамон мегӯянд; ”Ман таълимоти Исои Масеҳро ҳамчун пайғамбар эътироф мекунам ва Китоби Муқаддаси ӯ - Инҷил барномаи зиндагии ман аст.”

Онҳо инчунин мегӯянд: “Мо барои бартараф кардани хатари чашми бад, таъсири ҷоду, таҳдиди деву аҷинаҳо аз қуввати ҳазрати Исо ва имкониятҳои Китоби Муқаддас “Инҷил” истифода мебарем”. Вале онҳо инро дуруст дарк намесозанд, ки қуввати ҳазрати Исо дар он сурат бо онҳо кӯмак мекунад, ки онҳо Худованд будани ӯро қабул кунанд ва аз олами мурдагон эҳё шудани ӯро бо камоли катъият эътироф намоянд.

Ва ин қабил одамон боз мегӯянд: “Одамизодро барои наҷот ва ба ҳузури Худо ҳозир шудан роҳҳои гуногун ҳаст. Мо ҳамаи ин роҳҳоро эътироф мекунем. Аз он ҷумла роҳи Ҳазрати Исоро”. Онҳо боз дарк намесозанд, ки роҳи Исои Худованд истиснову ягона аст.

“Исо ба вай гуфт: “Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи ман” (Инҷили Юҳанно 14:6). Исо Худованд аст! Фикри камтар аз ин нисбат ба Худо ва Китоби Муқаддас беҳурматӣ мешавад.

# <u>Имон овардан чист?</u>

**”Тану ҷонам, Худоё, поктар кун,**
**Дилам равшантар аз нури саҳар кун”.**
*Саидҷон Ҳакимзода*

Имон овардан ин аст, ки шумо ба наҷотдиҳанда эҳтиёҷ доштани худро дарк мекунед ва мефаҳмед, ки бо риояи шариат ё амали нек наҷот нахоҳед ёфт. Боз эътироф мекунед, ки зиёрати мазори шахси бузурге ё қуввати дигаре шуморо наҷот нахоҳад дод.

Китоби Муқаддас мефармояд, ки имон овардан ин аст: “Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт, чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст. Зеро Навиштаҳо мегӯянд: ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, хиҷил нахоҳад шуд” (Румиён 10: 9-11).

Касе, ки имон меоварад, бояд ду чизро донад ва қабул кунад: кӣ будани Исои Масеҳ ва амали Ӯро. Вай Худованд будани Исои Масеҳро эътироф созад ва баландии пояи Ӯро аз дигар пайғамбарон дарк намояд. Азбаски Ӯ ғолиби гуноҳ ва марг мебошад, пас ӯ Худованд аст.

Касе, ки имон оварад, бояд қурбоншавии Исои Масеҳро эътироф намояд ва бо имони комил дарк кунад, ки Исои Масеҳ барои гуноҳҳои мо худро қурбон сохт ва Худо ӯро аз ҷаҳони мурдагон эҳё намуд. Вай эътимоди пурра бояд дошта бошад, ки баробари тавба кардан ва ба Исои Масеҳ такя кардан роҳи наҷот барояш кушода мегардад.

Оё шумо ҳама вақт баҳри наҷот ёфтан ба Исои Худованд такя мекунед?

# <u>**Дӯсти азиз!**</u>

Агар аз сидқи дил Исои Масеҳро чун наҷотдиҳандаи худ аз гуноҳ мепазиред, хоҳишмандем ки дуои зеринро бо имони комил хонед:

*"Эй Парвардигори олам!*

*Ин китобро, ки дар бораи ғалаба бар марг аст, фаҳмидам, ва низ имон дорам, ки танҳо Исои Масеҳ Наҷотдиҳанда ва Худованди башар аст. Ман барои наҷотам мӯҳтоҷи Ту ҳастам ва бахшиши Ту ба ман лозим аст. Чунки Ту муқаддас ҳастӣ ва ман гунаҳкорам.*

*Эй Худоё, имрӯз чашми диламро барои Ту кушодаам, ки Ту даромада тавонӣ. Маро бибахш! Гуноҳҳоямро бибахш! Ман аз ҳамаи гуноҳҳоям рӯй мегардонам ва бахшиши Туро қабул мекунам. Аз Ту хоҳиш мекунам, ки диламро бо хуни Исо соф кун. Ман медонам, ки Ӯ барои гуноҳҳоям қурбон шуд ва ғалаба бар маргро таъмин кард. Ман медонам, ки баҳри наҷот ёфтан ҳеҷ коре карда наметавонам, ба ҷуз такя кардан ба Исои Худованд. Ва ин амалро ба дасти Ӯ додам.*

*Эй Худованд, Ту гуноҳҳоямро бахшидӣ ва ба ман ҳаёти ҷовидонӣ ато кардӣ. Барои ҳамаи ин ман аз самими дилам бо имони комил ба Ту ҳамду сано мегӯям. Ба Номи Исои Масеҳ, Омин*".

Эй дӯсти азиз, барои ин масъулияти рӯҳонӣ вақтро кашол надиҳед!

Чунки Китоби Муқаддас мефармояд: "Мо, ки мададгорони Ӯ ҳастем, аз шумо илтимос мекунем, ки файзи Худоро бефоида қабул накунед, зеро ки Ӯ мегӯяд: "Дар вақти мусоид туро иҷобат намудам ва дар рӯзи наҷот ба ту мадад кардам. Инак алҳол вақти мусоид аст, инак алҳол рӯзи наҷот аст" (2 Қӯринтиён 6:1-2).

Ҳоло, ки вақти наҷотатон аст, ин вақтро кашол надиҳед! Марг ногузир аст ва наҷоти шуморо интизор намешавад.

Аз шумо хоҳишмандем, ки моро аз имонатон ба Масеҳ огоҳ созед, то битавонем шуморо дар Ҳаёти тозаи ёфтаатон кӯмак расонем. Хонандаи гиромӣ, агар мехоҳед хабари бештаре аз зиндагӣ ва таълимоти Исои Масеҳ ба даст оваред, ба суроғаи зерин мактуб бинависед:

**Мундарича:**


Ғалаба бар марг чист?------------------------------------------ 5
Пас аз марг ҷон ба куҷо меравад?---------------------------- 5
Ба тарси мамот гирифтор ҳастем------------------------------ 6
Марг ногузир аст------------------------------------------------- 7
Ҷовидии ҷон----------------------------------------------- 8
Қисмат ба бахт--------------------------------------------------- 9
Марг нобуд хоҳад шуд------------------------------------------ 9
Оби ҳаёт – афсона ё ҳақиқат?---------------------------------- 10
Чаро марг вуҷуд дорад?---------------------------------------- 11
Гуноҳ чӣ аст?----------------------------------------------------- 12
Сазои гуноҳ марг аст------------------------------------------- 13
Аз гуноҳ чӣ тавр бояд наҷот ёбем?--------------------------- 13
Амали нек-наҷот аз гуноҳ нест-------------------------------- 13
Риояи шариат моро аз марг наҷот намедиҳад-------------- 15
Пас шариат ба инсоният чӣ меоварад?---------------------- 17
Муҳаббати Худо------------------------------------------------ 17
Ваъдаи Худо------------------------------------------------------ 18
Исои Масеҳ ғалаба бар маргро эълон кард----------------- 19
Ғалаба бар тарси мамот----------------------------------------- 20
Ғалаба бар гуноҳ----------------------------------------------- 20
Дучоршавии Исо бар марг---------------------------------------- 22
Эҳёи Исо--------------------------------------------------------- 23
Исои Масеҳ калиди мамотро гирифт------------------------ 24
Ақидаҳои гуногун дар бораи имон---------------------------- 25
Имон овардан чист?------------------------------------------ 26
Дӯсти азиз!------------------------------------------------------ 27